# ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУДИ «СУҒУРТАИ АСРИ 21»

ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ ВА ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

## МУНДАРИЧА

ТАСДИҚНОМАИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ........................................................................................3

ХУЛОСАИ АУДИТОРИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ ..................................................................4-6

ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

Ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ ........................................................................................7
Ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромадҳои маҷмӯӣ ................................................8
Ҳисобот оид ба тағйиротҳо дар сармоя ...............................................................................9
Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ ........................................................................10-11
Эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявӣ.........................................................................................12-46

**ҶДММ «СУҒУРТАИ АСРИ 21»**

**ТАСДИҚНОМАИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ. КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ**

Тасдиқи зерин бо мақсади фарқ кардани масъулияти аудиторони мустақил ва Роҳбарият нисбат ба ҳисоботи молиявии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Суғуртаи асри 21» (минбаъд оиди матн - Ширкат) анҷом дода шудааст.

Роҳбарияти Ширкат барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ масъул аст, ки вазъи молиявии Ширкатро дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2022, инчунин натиҷаҳои фаъолияти онҳо, гардиши воситаҳои пулӣ ва тағйирёбӣ оид ба сармоя барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расидааст тибқи стандартҳои Байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд оиди матн -"СБҲМ") боэътимод инъикос менамояд.

Ҳисоботи молиявии мазкур мутобиқи СБҲМ таҳия шудааст ва ҳатман маблағҳоро дар асоси баррасӣ ва арзёбӣ дар бар мегиранд.

Ҳангоми таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ, Роҳбарият масъулияти зеринро ба ӯҳда мегирад:

- интихоби принсипҳои дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ ва татбиқи пайдарпайи онҳо;
- истифодаи арзёбиҳо ва ҳисобҳои асоснок;
- пешниҳоди иттилоот, аз ҷумла маълумот дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ, дар шакле, ки мувофиқат, эътимоднокӣ, муқоиса ва фаҳмо будани чунин иттилоотро таъмин менамояд;
- риоя намудани талаботи СБҲМ ё ифшои ҳама ихтилофоти назаррас аз СБҲМ дар эзоҳҳои ҳисоботи молиявӣ; ва
- таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар асоси фарзияе, ки Ширкат фаъолияти худро дарояндаи наздик идома медиҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин фарзия ғайриқонунӣ аст.

Роҳбарият инчунин масъулияти зеринро ба ӯҳда мегирад:

- таҳия, татбиқ ва нигоҳдории низоми самаранок ва боэътимоди назорати дохилӣ дар тамоми Ширкат;
- пешбурди баҳисобгирӣ дар шакле, ки имконияти ошкорнамоӣ ва муттаҳиднамоии амалётҳои Ширкатро медиҳад, инчунин маълумоти дақиқро дар бораи ҳисоботи молиявӣ дар ҳама санаи зарурӣ пешниҳод менамояд ва мутобиқати ҳисоботи молиявиро ба талаботи СБҲМ таъмин менамояд;
- бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СБҲМ;
- қабули чораҳои оқилона оид ба таъмини амнияти дороиҳои Ширкат; ва
- ошкорнамоӣ ва пешгирӣ намудани далелҳои суистифодаи молиявӣ ва дигар суистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз тарафи Роҳбарияти Ширкат 28 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст:

| | |
|---|---|
| **Манонов Ш.Х.** | **Қодирова М.** |
| **И.В. Директор** | **Сармуҳосиб** |

RSM

**RSM Tajikistan**

Business center "SOZIDANIE"
Ayni street 48, 4th floor
Dushanbe
734024
Tajikistan
T +992 (44) 6006370
rsm.tj

ООО "РСМ ТОЧИКИСТОН"
Исх. № 20/23
"28" апреля 2023 г.

**ХУЛОСАИ АУДИТОРИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ**

Ба Роҳбарияти Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Суғуртаи асри 21»

*Ақида бо тавзеҳот*

Мо аудити ҳисоботи молиявии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Суғуртаи асри 21» (минбаъд оиди матн «Ширкат») -ро гузаронидем, ки аз Ҳисобот оид ба вазъи молиявии Ташкилот дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2022, Ҳисобот оид ба фоида ва зарар ва дигар даромадҳои маҷмӯӣ, Ҳисобот оид ба тағйирот дар сармоя ва Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар санаи нишондодашуда ба охир расидааст, инчунин эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявӣ, аз он ҷумла шарҳи мухтасари муқаррароти асосии сиёсати баҳисобгирӣ иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, ба истиснои таъсири саволе, ки дар фасли "Асос барои ифодаи ақида бо тавзеҳот"-и хулосаи мо тавсиф шудааст, ҳисоботи молиявии замимашуда аз ҳама ҷиҳатҳои моддӣ вазъи молиявии Ширкатро дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2022 ва натиҷаҳои молиявии он, гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расидааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) бо таври боэътимод инъикос менамояд.

*Асос барои ифодаи ақида бо тавзеҳот*

1. Дар ҳолат ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 ширкат захираи мукофоти ба даст наомадаро мутаносибан 98 ҳазор сомонӣ ва 272 ҳазор сомонӣ ташкил намуд, инчунин дар ҳолат ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 ширкат захираи пӯшонидани зарарҳоро мутаносибан 441 ҳазор сомонӣ ва 156 ҳазор сомонӣ ташкил намуд. Азбаски баҳисобгирии амалиётҳои суғурта бо усули хазинавӣ сурат мегирад, мо натавонистем бо истифода аз расмиёти алтернативии аудиторӣ дурустии ҳисоб ва ҳисоб кардани захираҳои суғуртаро тасдиқ кунем. Дар натиҷаи ин саволҳо, мо муайян карда натавонистем, ки оё ба моддаҳои даҳлдори ҳисоботи молиявии замимашуда дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2022 ягон тасҳеҳот лозим ҳаст ё не.

2. Дар ҳолат ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 дар ҳисобот дар бораи вазъи молиявӣ захираи мукофоти ба даст наомадаро ва захираи пӯшонидани зарарҳоро мутаносибан ба маблағи умумии 539 ҳазор сомонӣ ва 428 ҳазор сомонӣ инъикос гардидааст. Мо натавонистем тавассути расмиёти аудит бақияи ибтидоии захираи мукофоти бадастомада ва захираи пӯшонидани зарарро дар ҳисоботи вазъи молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2022 тасдиқ намоем. Дар натиҷа, мо имкони муайян кардани онро надорем, ки оё ба моддаҳои даҳлдори ҳисоботи молиявии замимашуда дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2022 ягон тасҳеҳот лозим ҳаст ё не.



RSM Tajikistan is a member of the RSM network and trades as RSM. RSM is the trading name used by the members of the RSM network. Each member of the RSM network is an independent accounting and consulting firm each of which practices in its own right. The RSM network is not itself a separate legal entity of any description in any jurisdiction.

Мо аудити худро мувофиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит («СБА») гузаронидем. Уҳдадориҳои мо дар доираи ин стандартҳо дар бахши «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ» дар хулосаи аудитории мо тавсиф карда шудаанд. Мо дар алоқамандӣ бо Ширкат дар мувофиқат бо Кодекси ахлоқии муҳосибони касбии Шӯро оид ба стандартҳои байналмилалии ахлоқӣ барои муҳосибон ва талаботҳои ахлоқии нисбат ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда мустақил буда, ва аз ҷониби мо ӯҳдадориҳои дигари ахлоқӣ дар мувофиқат бо ин талаботҳо иҷро намудаем. Ба ақидаи мо, далелҳои аудитории аз ҷониби мо ба даст овардашуданд, ки барои изҳори ақидаи мо ҳамчун асос барои баён намудани хулосаи мо кифоя ва қобили қабул мебошанд.

*Ҳолатҳои дигар*

Аудити ҳисоботи молиявии Ширкат барои соле, ки 31 декабри соли 2021 ба охир расидааст, аз ҷониби аудитори дигар гузаронида шудааст, ки дар нашри хулосаи аудитории 10 майи соли 2022 дар бораи ин ҳисоботи молиявӣ фикри тағйирнашударо изҳор кардааст.

***Масъулияти Роҳбарият ва шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ва барои ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ ҳастанд***

Роҳбарият барои омоданамоӣ ва ба таври саҳеҳ пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии зикргардида мутобиқи СБҲМ ва барои низоми назорати доҳилӣ, ки онро Роҳбарият барои омоданамоии ҳисоботи молиявӣ зарур мешуморад, ки он таҳрифҳои ҷиддиро дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ва ё хатогиҳо дар бар надорад, масъул мебошад.

Ҳангоми омоданамоии ҳисоботи молиявӣ, Роҳбарият барои баҳогузорӣ намудани қобилияти Ширкат оид ба давом додани фаъолияти бефосилагии худ, барои ошкор намудани маълумот дар ҳолатҳои дахлдор, ки ба бефосилагӣ таалуқ дорад ва барои тартиб додани ҳисобот дар асоси иҷозат оид ба фаъолияти бефосила масъул мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Роҳбарият нияти барҳамдиҳии Ширкат, қатъ намудани фаъолияти онро дошта бошад, ва ё вақте ки роҳи дигари воқеиро ғайр аз барҳамдиҳӣ ва ё қатъ намоии фаъолият надошта бошад.

Шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, масъулиятро барои назорати таҳияи ҳисоботи молиявии Ташкилот ба зимма мегиранд.

***Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ***

Мақсади мо аз бадастоварии эътимоди оқилона дар бораи он, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифҳои амалиро дар натиҷаи амали бевиҷдонона ва ё хатогиҳо надорад ва бароришн хулосаи аудиторӣ, ки ақидаҳои моро дар бар мегирад, иборат мебошад. Эътимоди оқилона маънои сатҳи баланди боовариро дорад, вале кафолати он нест, ки аудити гузаронидашуда мутобиқи Стандартҳои байналмиллаии аудит метавонад ҳамеша таҳрифҳои мавҷударо ошкор намояд. Таҳрифҳо метавонанд натиҷаи амали бевиҷдонона ва ё хатогӣ бошанд ва ҳамон вақт ҷиддӣ ба ҳисоб мераванд, агар ба таври асоснок тахмин намудан мумкин бошад, ки онҳо ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар маҷмӯъ метавонанд ба қарори иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳисоботи молиявии мазкур қабул карда мешаванд, таъсир расонанд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи Стандартҳои байналмиллаии аудит гузаронида мешавад, мо ақидаҳои касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тули тамоми санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо корҳои зеринро иҷро менамоем:

- хавфҳои таҳрифи назарраси ҳисоботи молиявиро дар натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо муайян ва арзёбӣ менамоем; дар посух ба ин хавфҳо расмиётҳои аудиторӣ таҳия намуда ва иҷро менамоем;

далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи амали беинсофона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои беинсофона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;

- фаҳмиши низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиётҳои аудиторӣ, ки ба ҳолатҳо мутобиқат менамояд, вале на бо мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Ширкатро ба даст меорем;

- хусусияти дурусти сиёсати баҳисобгирии татбиқшаванда ва дурустии баҳодиҳии баҳисобгирии муҳосибиро ва ифшои дахлдори маълумоти омодашударо аз ҷониби Роҳбарият арзёбӣ менамоем;

- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосилагӣ аз тарафи Роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии назаррас вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи назаррас дар қобилияти Ширкат оид ба давом додани фаъолияти бефосилагӣ ба вуҷуд ояд, хулоса мебарорем. Агар мо дар мавҷуд будани номуайянии назаррас ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем, ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро тақмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале рӯйдодҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Ширкат қобилияти давом додани фаъолияти бефосилагии худро гум намояд;

Мо ҳамкории мутақобилаи иттилоотиро бо шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ намуда, ба маълумоти онҳо, ғайр аз ҳама чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати аудити ба нақша гирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои назаррас оид ба натиҷаи аудит, аз он ҷумла, камбудиҳои назаррасӣ низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

Ҳамроҳбари аудит, ки аз рӯи натиҷаҳои он хулосаи аудитории аудитори мустақили мазкур нашр шудааст, Мафтунҷон Баратов ба ҳисоб меравад.

Баҳрулло Муллоев
Ҳамроҳбари Идоракунанда – ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»
Иҷозатнома барои аудит дар Ҷумҳурӣ Тоҷикистон ВМ№ 0000132
аз 3 майи соли 2019 аз тарафи Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст

Мафтунҷон Баратов
Ҳамроҳбари аудит
ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»
Аудитори соҳибихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳодатномаи тахассусии № 0000338
аз 11 апрели соли 2019

28 апрели соли 2023
Душанбе, Тоҷикистон

## ҶДММ «СУҒУРТАИ АСРИ 21»

### ҲИСОБОТ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
*(бо ҳисоби ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳҳо | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 11 | 2,391 | 2,068 |
| Пешпардохтҳои додашуда | 12 | 682 | 3 |
| Ҳисобномаҳо барои гирифтан | | 240 | 57 |
| Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар захираи мукофоти ба даст оварданашуда | | 33 | 33 |
| Воситаҳои асосӣ | 13 | 387 | 291 |
| Дороиҳои ба таъхир гузошташудаи андоз | 10 | 124 | 90 |
| Дороиҳои дигар | 14 | 1,350 | 654 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **5,207** | **3,196** |
| **ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| Захираи мукофоти ба даст оварданашуда | 6 | 98 | 272 |
| Захира барои пӯшонидани талафотҳо | 5 | 156 | 156 |
| Ӯҳдадориҳои дигар | | 10 | 17 |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО** | | **264** | **445** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 15 | 4,320 | 4,320 |
| Сармояи иловагӣ | | 2,000 | |
| Зарари тақсимнашуда | | (1,377) | (1,569) |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ** | | **4,943** | **2,751** |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **5,207** | **3,196** |

Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз тарафи Роҳбарияти Ширкат 28 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст.

**Манонов Ш.Х.**
**И.В. Директор**

**Қодирова М.**
**Сармуҳосиб**

Эзоҳҳои аз 1 то 21 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб меравад

## ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДҲОИ МАҶМӮӢ

*(бо ҳисоби ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳҳо | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Мукофотҳои суғуртавӣ, маблағи умумӣ | 4 | 1,226 | 600 |
| Мукофотҳое, ки ба суғуртаи дубора дода шудаанд | 4 | - | (128) |
| Мукофотҳои суғуртавӣ, холис (нетто) | | 1,226 | 472 |
| Тағйир додани захира барои пӯшонидани зарар | 4,5 | - | (153) |
| Тағйири захираи мукофоти ба даст оварданашуда | 4,6 | 258 | (276) |
| Тағйир додани ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар захираи мукофоти ба даст оварданашуда | 4,7 | - | 33 |
| Маблағи софи мукофотҳои суғуртавии бадастомада | | 1484 | 76 |
| Пардохтҳои суғуртавӣ | 4 | (17) | (394) |
| Маблағи софи пардохтҳои суғуртавӣ | | 1467 | (318) |
| Мукофотҳои комиссионӣ барои дилерҳо | | (63) | (92) |
| Даромади соф аз амалиетҳо бо асъори хориҷӣ | | (104) | 3 |
| Прочие неоперационные доходы | 8 | (417) | 386 |
| Даромадҳои дигари ғайриамалиетӣ | 9 | (1,594) | (1,075) |
| Барқарорсозии захира барои зарарҳои пешбинишудаи қарзӣ дар суратҳисобҳои ба даст овардашуда | | - | - |
| **ЗАРАР ТО АНДОЗБАНДӢ** | | (711) | **(1,096)** |
| Сарфа оиди андоз аз даромад | 10 | 34 | 55 |
| **ЗАРАРИ СОФ** | | (677) | **(1,041)** |
| Даромади дигари маҷмӯӣ | | - | - |
| **ҲАМАГӢ ЗАРАРИ УМУМӢ** | | (677) | **(1,041)** |

Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз тарафи Роҳбарияти Ширкат 28 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст.

**Манонов Ш.Х.**
**И.В. Директор**

**Қодирова М.**
**Сармуҳосиб**

Эзоҳҳои аз 1 то 21 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб мераванд

## ҶДММ «СУҒУРТАИ АСРИ 21»

## ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
*(бо ҳисоби ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳҳо | Сармояи оинномавӣ | Сармояи иловагии пардохтшуда | Фоидаи тақсимнашуда | ҲАМАГӢ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба санаи 31 декабри соли 2020** | **15** | 4,320 | - | 3,922 | 8,242 |
| Ҳаққуссаҳмҳои (дивидендҳои) эълоншуда | | - | - | (4,450) | (4,450) |
| Зарари солона | | - | - | (1,041) | (1,041) |
| **Бақия ба санаи 31 декабри соли 2021** | **15** | 4,320 | - | (1,569) | 2,751 |
| Зиёдшавии сармояи иловагӣ | | - | 2,000 | - | 2,000 |
| Тасҳеҳҳоти бақияи ибтидоӣ | | - | - | 869 | 869 |
| Зарари солона | | - | - | (677) | (677) |
| **Бақия ба санаи 31 декабри соли 2022** | **15** | 4,320 | 2,000 | (1,377) | 4,943 |

Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз тарафи Роҳбарияти Ширкат 28 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст.

| | |
|---|---|
| **Манонов Ш.Х.** | **Кодирова М.** |
| **И.В. Директор** | **Сармуҳосиб** |

Эзоҳҳои аз 1 то 21 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб меравcomponentанд

## ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ (ИДОМААШ)
*(бо ҳисоби ҳазор сомонӣ)*

| | 31 декабря 2022 г. | 31 декабря 2021 г. |
|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ:** | | |
| Фоида/(зарар) то андозбандӣ | (711) | (1,096) |
| *Тасҳеҳҳот:* | | |
| Гардиш дар захираи мукофоти ба даст оварданашуда | 174 | 276 |
| Гардиш дар захира барои пӯшонидани талафотҳо | - | 153 |
| Гардиши ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираи мукофоти ба даст оварданашуда | - | (33) |
| Тасҳеҳҳоти хароҷотҳо оиди азнавсуғуртакунӣ | 352 | - |
| Зарарҳои пешбинишудаи қарзӣ аз рӯи ҳисобҳои ба даст овардан | - | - |
| Зарарҳои пешбинишудаи қарзӣ аз рӯи воситаҳои пулӣ дар бонк | - | (113) |
| Фарсудашавии дороиҳои асосӣ ва истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ | 63 | 54 |
| Зарарҳо аз ҳисоб баровардан воситаҳои асосӣ | 2 | 5 |
| Даромад аз ҳисоб баровардан воситаҳои асосӣ | - | (391) |
| Тафовути қурбӣ дар амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 83 | (3) |
| **Воридоти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйирот дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ** | (37) | **(1,148)** |
| **Тағйирот дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ** | | |
| *(Зиёдшавии)/камшавии дороиҳои амалиётӣ:* | | |
| Ҳисобномаҳо барои гирифтани | (183) | (93) |
| Пешпардохтҳои додашуда | (679) | 115 |
| Дороиҳои дигар | (696) | (607) |
| (Зиёдшавии)/камшавии дар ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | |
| Ӯҳдадориҳои дигар | (7) | (1,145) |
| Ҳисобномаҳо барои пардохт аз рӯи амалиётҳои суғуртавӣ | - | - |
| **(Содироти)/воридоти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ** | (1,602) | **(2,878)** |
| Андоз аз даромад пардохташуда | (42) | (18) |
| **(Содироти)/воридоти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | (1,644) | **(2,896)** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ:** | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (33) | (193) |
| Даромад аз содиротӣ воситаҳои асосӣ | - | 1,283 |
| Саҳми муассис | 2,000 | - |

**ҶДММ «СУҒУРТАИ АСРИ 21»**

**ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ (ИДОМААШ)**
*(бо ҳисоби ҳазор сомонӣ)*

| | | |
|---|---|---|
| **Воридоти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | 1,967 | **1,090** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | |
| Пардохти ҳаққуссаҳмҳо (дивидендҳо) | - | (4,450) |
| Содироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ: | - | (4,450) |
| **ЗИЁДШАВИИ/(КАМШАВИИ) СОФИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО** | **323** | **(6,256)** |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар аввали сол | 2,068 | 8,324 |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар охири сол** | **2,391** | **2,068** |

Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз тарафи Роҳбарияти Ширкат 28 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст.

**Манонов Ш.Х.**
**И.В. Директор**

**Қодирова М.**
**Сармуҳосиб**

Эзоҳҳои аз 1 то 21 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб меравад